


# ФАКУЛТЕТИ ПЕДАГОГИКА ВА ВАРЗИШ

**ҳамқадами Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад. Ин факултет дар радифи дигар факултетҳо аз рӯзҳои нахустини таъсиси шуъбаи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе дар шаҳри Бохтар арзи вуҷуд намудааст. Факултет барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои водии Вахш ва дигар минтақаҳои кишвар омӯзгорони синфҳои ибтидоиро тайёр менамояд. То ба имрӯз факултет ин вазифаи хешро сарбаландона иҷро карда истодааст. Кафедраи варзиш ва омодагии дифои ҳарбӣ ҳамсоли таълимгоҳ буда, соли 1978 таъсис ёфтааст.**

Дар аввал ҳамчун кафедраи варзиш фаъолият мекард, бо роҳандозӣ шудани ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ номи кафедра тағйир карда, номи кафедраи варзиш ва омодагии дифои ҳарбиро гирифт. Варзиш қисмати таркибии таълиму тарбия буда, ифтитоҳи кафедра тақозои давру замон ва Низомномаи мактаби олӣ буд.

Дар факултет зиёда аз 700 нафар донишҷӯён таҳсил менамоянд. Айни ҳол дар факултет ихтисосҳои зерин амал

мекунанд: таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва санъати мусиқӣ, педагогика ва психологияи томактабӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, таҳсилоти ибтидоӣ- забон ва адабиёти тоҷик, таҳсилоти ибтидоӣ -гурӯҳи русӣ, педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ. Дар бинои таълимии факултет кабинетҳои фаннӣ аз қабили синфхонаи компютерӣ бо компютерҳои замонавӣ, синфхонаи ҳунарҳои мардумӣ, синфхонаи методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ, синфхонаи санъати мусиқӣ мавҷуд мебошанд.

Таълими ибтидоӣ ва варзиш яке аз шаҳсутунҳое мебошанд, ки ояндаи миллату давлатро муайян мекунанд. Ин ду ришта, яке миллатро ба донишмандӣ ва дигаре ба саломатии комил мебаранд. Миллатҳое, ки дар дунё ба ин ду риштаи аслӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, бешак муваффақтарин миллатҳои рӯйи дунё маҳсуб мешаванд.

Аз ин рӯ, садорати факултет тамоми кӯшишу ғайрати худро ба он равона намудааст, ки сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, барои дар амал татбиқ намудани он тамоми чораҳои заруриро биандешанд.